“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ________
“11” апрели соли 2024

**Хулосаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи “Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Нодирзода Нозимҷон Мансур унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад. Номбурда соли 2009 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2014 онро хатм намудааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 27 январи соли 2024 дода шудааст.

Маълумот дар бораи имтиҳонҳои номзадии супоридашуда:

1. Таърих ва фалсафаи илм – “хуб”, 24.06.2022;
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) – “аъло”, 18.01.2023;
3. Ихтисос (12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалогия; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) – “аъло”, 16.12.2023

Мавзуи рисолаи номзадии унвонҷӯ Нодирзода Н.М. 26 январи соли 2017 бо суратҷаласаи № 5 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи "Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо карори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар чумхурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷинотӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидааст.

Таҷрибаи солҳои охир шаҳодат аз он медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи инсонпарваронаро дар низоми ҷазои ҷиноятӣ бештар татбиқ намуда ба ҷазоҳои ҷиноятии бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда диққат медиҳад. Ин принсип сарчашмаи худро аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегирад, ки инсон, ҳуқуқ, озодӣ ва пеш аз ҳама ҳаёти шахсро дахлнопазир эътироф менамояд.

Ҷазои корҳои ислоҳӣ ба намуди ҷазоҳое дохил мешавад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани шахс аз ҷамъият вобаста намебошад ва яке аз ҷазоҳои аз ҷиҳати вазнини ва тартиби иҷро сабуктар эътироф мегардад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ миқдоран ва сифатан дигаргун гардиданд. Корҳои ислоҳӣ дар м. 52 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, ба инсонпарварона гардонидани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Ин намуди ҷазо - алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад, ки тартиби иҷрои он дар боби 6 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст .

Ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ ба такмили фаъолияти давлат дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат намуда, ба равандҳои илмӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мебошад (манфиати иқтисодии ин ҷазо, иқтидори назарраси пешгирикунанда, коҳиш додани такрори ҷиноят ва мусоидат ба иҷтимоигардонии шахси маҳкумшуда). Корҳои ислоҳӣ ба принсипҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пурра ҷавобгӯ мебошад: фарқгузорӣ ва фардисозии иҷрои ҷазо, дар рафти иҷрои ҷазо нисбат ба маҳкумшуда истифода намудани маҳдудиятҳои ҳадди ақалли ҳуқуқ, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо зарур ва кофӣ мебошанд, истифода мешаванд, ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба маҳкумшуда, ҷамъият, меҳнат, меъёрҳо, қоидаҳо, анъанаҳо ва ҳавасманд гардондани рафтори ҳуқуқӣ.

Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз ҷониби нозироти Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешавад. Тибқи маълумоти оморӣ дар тули панҷ соли охир ҷазои мазкур дар соли 2018 нисбати 6,3 % – и маҳкумшудагон дар соли 2019 – 5,7 %, 2020 –6,8 %, 2021 – 5,2 %, 2022 – 5,2 %, соли 2023 – 5,1 %[1] таъин карда шудааст, ки ин як қадами мусбати давлат дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар самти коҳиш додани таносуби ҷазоҳо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳисоб меравад.

Итминон дорем, ки натиҷаи таҳқиқоти анҷомдода ҷиҳати таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самаранок, бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти нозироти корҳои ислоҳӣ ва судӣ, инчунин дар амалия ба таври дурусту муназзам татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ истифода гардида, дар маҷмуъ ба назария ва амалия таъсири мусбӣ хоҳад расонид.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

---

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023 //[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.stat.tj/tafsiri-elektronii-nashriyaho-bojgoni-2 (санаи муроҷиат: 11.09.2024).

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Нодиров Н.М. Проблемы определения содержание наказания в виде исправительных работ [Текст] / З.А. Камолов, Н.М. Нодиров // Академический юридический журнал. – 2018. – №4 (28). – С. 83-87; ISSN 2305-0535.

2. Нодирзода Н.М. Корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Н.М. Нодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №1. – С. 214-220; ISSN 2413-5151.

3. Нодирзода Н.М. Воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо менамоянд [Матн] / Нодирзода Н.М. // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №1 (66) – С.247-254; ISSN 2709- 8567.

4. Нодирзода Н.М. Таърихи пайдоиш ва инкишофи корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Нодирзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №1 (53) – С. 190-197; ISSN 2410-2903

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

1. Нодиров Н.М. Корҳои ислоҳӣ мувофиқ ба стандартҳои байналхалқӣ муносибат бо маҳкумшудагон ва модели қонунгузории давлатҳои аъзои

Иттиҳоди давлатҳои мустақил [Матн] / Н.М. Нодиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони "Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ". – Хуҷанд; "Дабир", 2019. – С. 214-217.

2. Нодирзода Н.М. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкумгардида [Матн] / Н.М. Нодирзода // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзӯи "Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ" (31 майи соли 2021). – Душанбе: "Баҳманрӯд", 2021. – С. 217-220.

3. Нодирзода Н.М. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва саркаши намудан аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ / Н.М. Нодирзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 362-368.

4. Нодирзода Н.М. Шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ [Матн] / Н.М. Нодирзода // Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалогия ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия:маводи конфренсияи илмӣ-амалӣҷумҳуриявӣ (22 июни соли 2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: "Ватан Принт", 2024. – С 291-298.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯъ фаро мегиранд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд, ин аз тартиби дурусти иҷрои ҷазо ва адои ҷзо дар намуди корҳои ислоҳӣ мебошад, ки дар натиҷаи таҳқиқот як қатор самтҳои такмили қонуни ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷинотӣ муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи

қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалия тартиби иҷрои корҳои ислоҳӣ дуруст танзим карда шавад; фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва нозироти корҳои ислоҳӣ истифода гардад.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои таъини ҷазо» истифода шавад.

Ҳамчунин муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон метавонад истифода гардад.

Ҳамин тавр, аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи "Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он", мубрам ба хисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷинотӣ аҳаммияти ҳам назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он дар таърихи қонунгузории ҶТ аввалин таҳқиқоти илмие мебошад, ки дар асоси қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии амалкунанда, инчунин дар шароити ислоҳоти қонунгузориҳои мазкур анҷом дода шудааст.

Навгонии дигари таҳқиқот дар он аст, ки ба сифати объекти мустақили таҳлил мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳӣ, вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба ин намуди ҷазо, қонунгузориҳои бо таҳрири нав қабулшуди давлатҳои пасошуравӣ дар ин самт мавриди таҳлил қарор дода

шудаанд.

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба мавзуи интихобнамудааш дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст. Масалан:

1. Моҳияти корҳои ислоҳӣ, ҳамчун ҷазои бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд набуда дар маҳдуд намудани ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва молумулкии маҳкумшуда тавассут нигоҳ доштани маблағи муайян ба фоидаи давлат, манъ шудани бо хоҳиши худ аз кор озод шудан, маҳдуд гардидани ҳуқуқи тағйири маҳалли истиқомат, ҳуқуқ ба рухсатӣ ва ба вуҷуд омадани доғи судӣ тавсиф мегардад.

2. Корҳои ислоҳӣ бо фаъолияти ҳатмии меҳнати маҳкумшуда алоқаманд мебошад. Бахусус маҷбурӣ будани меҳнат ҳангоми таъини ҷазои мазкур ба шахсоне аён мегардад, ки дар ҷойҳои дигари мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, ба кор ҷалб мешаванд. Агар нисбати шахсони дигар меҳнат кардан, интихоби касбу кор ҳуқуқи онҳо бошад (м. 35 Конститутсияи ҶТ) пас нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ он ба ӯҳдадорӣ табдил меёбад.

Аммо маҷбурӣ будани меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки меҳнати маҷбуриро манъ менамоянд, масалан, Эъломияи ҳуқуқи башар (м.м.4,23), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ (м.8), Конвенсияи ТБМ соли 1930 №29 "Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ" ва ғайра мухолифат наменамояд.

3. Хусусияти фарққунандаи нигоҳдошт аз музди меҳнат мутобиқи КИҶҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар он мебошад, ки маблағҳои нигоҳдошта шуда на ба фоидаи давлат, балки ба Фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда гузаронида мешаванд. Ба андешаи мо меъёри ба ин монанд, бояд ба КҶ ва КИҶҶ ҶТ вобаста ба иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил карда шавад, чунки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳое, ки барои онҳо дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ имконияти таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст, зарар дар бештар ҳолатҳо на

фақат, ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо расонида мешавад.

4. КИҶҶ ҶТ муҳлати 10 рӯзаро барои аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ ҳал намудани масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ бо ҷалб намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳиро муқаррар намудааст (қ.2 м.39 КИҶҶ ҶТ). Аммо чи тавре таҷриба нишон медиҳад муҳлати мазкур барои бо меҳнат таъмин намудани маҳкумшудагони ҷойи кори асосӣ надошта кофӣ намебошад.

Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки қ.2 м. 39 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд.

5. Қисми 5 м. 40 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зер ифода карда шавад: “Дар мавриди тағйир ёфтани ҷойи кор бо мақсади санҷиши асоснок будани он ё тағйир додани ҷойи истиқомат, маҳкумшуда ухдадор аст, пешакӣ дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро огоҳ созад”.

6. Ба қ.2 м. 42 КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

Вазифа ва манъкуниҳои пешбининамудаи қисми 1 м. 42 КИҶҶ ҶТ нисбати маҳкумшудагоне татбиқ кардан мумкин аст, ки аз се як ҳиссаи муҳлати ҷазои корҳои ислоҳиро адо карда бошанд. Дар ҳолатҳои вайрон намудани тартиб ва шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад, ки вазифа ва манъкуниҳоро пештар аз муҳлати зикршуда муқаррар созад.

7. Ба м. 45 КИҶҶ ҶТ қисми 7 бо мазмуни зайл ворид карда шавад: нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки ӯ кор мекунад ҳуқуқ дорад ба суд дар хусуси камкунии андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат ҳангоми бадтар шудани шароити моддии ӯ мурочиат намоянд. Таъинот дар бораи камкунии андозаи нигоҳдошт бо назардошти ҳама даромадҳои маҳкумшуда баровадра мешавад.

8. Ба қ.1 м. 46 КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

Барои рафтори шоиста ва муносибати софдилона ба меҳнат нисбат ба шахсони адокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад мухлат ва ҳаҷми вазифаҳою манъкуниҳои дар м. 42 ҳамин Кодекс пешбинишударо кам ё бекор намояд, рухсатии пардохтшавандаи ҳарсоларо бо давомнокии 24 рӯзи тақвимӣ диҳад, инчунин ба суд оид ба кам намудани андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат пешниҳоднома фиристад.

9. Барои пешбурди корҳои тарбиявӣ шахсияти маҳкумшударо ҳамаҷониба омӯхта, мақсадҳо, ниёзҳо, арзишҳои ҳаётӣ ва амсоли онҳоро донистан зарур аст, ки ин аз ҳар як корманди нозироти корҳои ислоҳӣ салоҳияти мувофиқи касбии психологиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, баҳри беҳтар намудани вазъи корҳои тарбиявӣ дар байни маҳкумшудагоне, ки дар қайди назоратӣ қарор доранд дар нозирот бахшҳои хизмати психологӣ таъсис додан мувофиқи мақсад аст.

Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, аз рӯи ҳолатҳои зикргардида, кафедра чунин қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи “Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31-35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳии давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Суратҷаласа аз 8-уми апрели соли 2024, № 5

Раисикунандаи ҷаласа:
н.и.ҳ., дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қобилов Б.Қ.

Котиби ҷаласа: Шокаримова Н.С.

Имзои Қобилов Б.Қ. ва Шокаримова Н.С. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

08.04.2024